# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих).**

Баъди ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ кишварҳои Осиёи Марказро лозим омад, ҷаҳати бардавом нигоҳ доштани истиқлоли миллӣ ва эътироф гардидани кишвар дар сатҳи байналхалқӣ, сиёсати хориҷии муваффақро интихоб намуда, ҳамкориро бо кишврҳои минтақа ва ҷаҳон, ҳамчунин бо созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мустаҳкам намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ сиёсати хориҷии мусатқилро бо тамоми субъектҳои бонуфузи муносибатҳои байналхалқӣ татбиқ намуданд. Маҳз, ин омилҳо метавонанд бақои кишварҳои тозаистиқлол гардида, шароит ва имкониятҳои рушдро фароҳам созад.

Омӯзиши мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Комилзода Н.И. тавонистааст, ки ин масъалаи мубрами таърихиро бо асноду далелҳои муътамад тахқиқ намуда, ба мутахассисони соҳаи мунсибатҳои байналмиалӣ, таърихшиносон ва сиёсатшиносон пешниҳод намояд.

Ҳадафи асосии омӯзиш ва таҳлили махсусиятҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар солҳои 1991-2021 мебошад, ки нахустин таҳқиқоти маҷмуиро дар ин самт фарогир аст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт, дар маҷмуъ аз 181 саҳифаи матни компютерӣ иборат мебошад.

Боби якуми дессертатсия **Истиқлоли давлатӣ: замина ва марҳалаҳои ташаккули дипломатияи бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон (солҳои 1991 – 2000)** мебошад, ки муаллиф дар ин боб ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX мавриди омӯзиш қарор додааст.

Боби дуюми рисолаи илмӣ **Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI (солҳои 2001 – 2015)** номгузорӣ шудааст. Дар ин боб зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм ва заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва таҳаввули он таҳқиқ гардидааст.

Боби сеюми таҳқиқот **Дастовардҳо ва дурнамои сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон** унвон дорад, ки марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистону Қазоқистон, дастовардҳо ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо таҳлил ва натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия максад ва вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихии омӯзиш, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароти илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудааст. Асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки дар самти рушду ташаккули сиёсати хориҷии

бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021) таҳия шудаанд, истифода намуда, нуктаҳои асосии муайянгардидаро баррасӣ ва асоси методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқотиро аз худ намуда, онро тавсиф ва баҳои илмӣ додааст

Ба боварии комил метавон гуфт, ки муҳаққиқ ба таври воқеӣ ба мақсади худ доир ба таҳқиқи мавзуи илмӣ ноил гардидааст. Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии бадастовардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои асосии автореферати рисола мебошанд. Қобили зикр аст, ки дар қисмати муҳтавои асосии таҳқиқот муҳаққиқ ба таҳлил ва таҳқиқи бевосита машғул гардида, бо далелҳои муътамади илмӣ онро баён намудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

***номзади илмҳои таърих, дотсенти***
***кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои***
***байналхалқии***
***ДДОТ ба номи С. Айнӣ*** ***Мирзоев Мирзо Низомудинович***

*Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,*
*тел.: + 992 988-30-31-30*

***Тасдиқ мекунам:***
***Сардори раёсати кадрҳо***
***ва корҳои махсуси ДДОТ***
***ба номи Садриддин Айнӣ*** ***Абдукарим Мустафозода***
***«13» 03 2025 с.***